МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Китобчаи ТЕСТ | 2024

**Қисми А.4**

- ☑ Забони тоҷикӣ
- ☑ Таърих
- ☑ Ҳуқуқ
- ☑ Забони хориҷӣ

**Варианти**

# 1

## ДАСТУР

Саволнома аз чор субтест иборат аст: **забони тоҷикӣ**, **таърих**, **ҳуқуқ** ва **забони хориҷӣ**. Субтестҳои **забони тоҷикӣ, ҳуқуқ** ва **забони хориҷӣ** 25 саволу масъалаи пӯшида (бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат) ва субтести **таърих** 26 саволу масъала (24-то бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат ва 2-то кушода)-ро дар бар мегиранд.

Дар **саволу масъала бо интихоби як ҷавоби дуруст** чор гуна (вариант)-и ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктояш дуруст аст.

| ! | *Масалан, агар Шумо варианти "B"-ро ҷавоби дурусти савол интихоб кунед, пас онро дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:* | **A B C D**<br>○●○○ |
|---|---|---|

Дар **саволу масъала барои муайян кардани мувофиқат** ба ҳар унсури дар сутуни чап додашуда (калима, ибора, ҷумла ва ғайра) аз унсурҳои сутуни рост, ки яктоаш зиёдатист, унсури мувофиқ интихоб карда мешавад.

| ! | *Масалан, агар ба унсури "A", ба фикри Шумо, ҷавоби мувофиқ рақами 2, ба унсури "B" рақами 4, ба унсури "C" рақами 1 ва ба унсури "D" рақами 5 бошад, дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:* | **1 2 3 4 5**<br>**A** ○●○○○<br>**B** ○○○●○<br>**C** ●○○○○<br>**D** ○○○○● |
|---|---|---|

Ҷавоби **саволу масъалаи кушода** рақам(ҳо) мебоша(н)д, ки дар катаки махсуси варақаи ҷавобҳо навишта мешава(н)д.

| ! | *Масалан, агар Шумо соли **1917**-ро ҷавоби дуруст ҳисоб кунед, дар варақаи ҷавобҳо ин тавр нависед:* | 1 9 1 7 |
|---|---|---|

Барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои тест **190 дақиқа** муайян шудааст.

> **!**
>
> Пас аз шинос шудан бо дастур, ки маъмури имтиҳон хондааст, дар паси варақаи ҷавобҳо ҷумлаи ***«Бо тартиби гузаронидани имтиҳон шинос шудам»*-ро нависед** ва **имзо гузоред**.
> Дар вақти иҷрои тест **бодиққат бошед**.
> Ҷавобҳоро аввал дар китобчаи тест **ишора намоед/нависед.**
> Агар дар ҷавоб ёфтан ба ягон саволу масъала душворӣ кашед, **саросема нашавед** ва **ба ҳаяҷон наомада**, ба иҷрои тест идома диҳед. Пас аз ҷавоб гуфтан ба дигар саволу масъалаҳо ба саволу масъалаи бароятон душвор **баргардед.**

> **!**
>
> Амалҳои зерин дар рафти имтиҳон МАНЪ АСТ:
> - гуфтугӯ, ёрӣ додан, халал расонидан ба ҳамдигар ва (ё) истифода кардан аз ёрии шахсони дигар дар иҷрои саволу масъалаҳои тест;
> - иваз кардани ҷойҳо ва (ё) китобчаҳои тест, варақаҳои ҷавобҳо ва ҳар гуна навиштаҳои ҳамдигар;
> - гузоштани қайду ишораҳои ба имтиҳон дахлнадошта дар варақаи ҷавобҳо, аз ҷумла, дар ҳошияҳои он;
> - аз синфхона баровардани варақаи ҷавобҳо ва (ё) маводи дигари барои баргузории имтиҳон пешбинишуда.
>
> Дар ҳолати вайрон кардани ин талабот мутасаддиён ҳуқуқи аз имтиҳон хориҷ кардани Шуморо доранд.

### ТАРТИБИ ПУР КАРДАНИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲО

- пеш аз ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо **рақами варианти китобчаи тести худро ишора намоед**;
- ҷавобро дар варақаи ҷавобҳо мувофиқи тартиби пур кардани варақаи ҷавобҳо, чунонки дар боло нишон дода шуд, **ишора намоед/нависед;**
- **аз ёд набаророед,** ислоҳ намудани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо **МУМКИН НЕСТ** – ҷавоби ба тарзи дигар ишорагардида/навишташуда ва ислоҳгардида **ба назар гирифта намешавад**;
- пеш аз супоридани варақаи ҷавобҳо бори дигар **боварӣ ҳосил намоед**, ки ҷавоби ҳамаи саволу масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо ишора/навишта шудааст.

> **!** Варақаи ҷавобҳо такроран дода намешавад.

***Ба Шумо комёбӣ мехоҳем!***

**1** **Садоноки *ӯ* дар кадом калимаҳо дуруст навишта шудааст?**

**A)** дӯр, нӯр

**B)** зӯд, сӯд

**C)** рӯз, гӯш

**D)** дурӯд, сурӯд

**2** **Дар калимаи *<u>торикӣ</u>-и ҷумлаи зерин ҳарфи ӣ кадом вазифаро иҷро намудааст*?**

***Оҳиста-оҳиста дар деҳа шаб шуд, пардаи <u>торикӣ</u> онро ба бағал мекашид.***

К. Мирзоев

**A)** бандаки феълӣ

**B)** бандаки хабарӣ

**C)** пасванди исмсоз

**D)** пасванди сифатсоз

**3** **Имлои кадом калима нодуруст аст?**

***Марам аз дӯст чун оҳу, ба ман сири дилатро гӯ,***
***Тара-Чандри, Тара-Чандри! Ту, эй бозингари ҳинду!*** М. Турсунзода

**A)** марам

**B)** сири

**C)** дӯст

**D)** гӯ

**4** **Кадом калима бо калимаи *хушсимо* дар ҷумлаи зерин ҳаммаъност?**

***Деҳа боғу бӯстонҳои фаровон дорад ва мардумаш ҳам солиму хушсимост.***

С. Улуғзода

**A)** хушқад

**B)** дилкаш

**C)** хушрӯй

**D)** тандуруст

**5** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта зидмаънои мувофиқи калимаи *<u>пинҳон</u>*-ро гузоред:**

***Даме ки пой бар замин ниҳод, Фаридун чун аҷали беамон дар болои сараш ... гашт.*** С. Улуғзода

**A)** зоҳир

**B)** ошкор

**C)** ҳувайдо

**D)** падидор

**6** **Ибораи рехтаи “*ба даҳон нигоҳ карда гап задан*” ба кадом маъно истифода шудааст?**

***- Ҳой, ба даҳонатон нигоҳ карда гап занед, ман он хел туҳмат накардаам!***

Ҷ. Икромӣ

**A)** ҳавобаландона, бо дӯғу таҳдид гап задан

**B)** фикр карда гап задан, боэҳтиёт сухан гуфтан

**C)** андеша накарда гап задан, бадзабонӣ кардан

**D)** беҳудагӯӣ кардан, суханҳои нодуруст гуфтан

**7** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***Муҳиддинмахдум он шаб наздикони худро даъват карда, ... .*** Ҷ. Икромӣ

**A)** суҳбат ороста буд

**B)** суҳбат қаймоқ баст

**C)** суҳбат тафсида рафт

**D)** суҳбатро пир карда буд

**8** **Услуби матнро муайян кунед:**

***Дарахтони куҳансол аз кашокаши хашмгину беохири тафбод ба назар хаставу лакот тобида, шохаҳои хушкидаи нӯгашон шабеҳи панҷаи ҳасрат ё кафи имдодҷӯи мустаманде ба само нигаронанд.*** А. Самад

**A)** илмӣ

**B)** бадеӣ

**C)** публитсистӣ

**D)** расмӣ-коргузорӣ

**9** **Ҷузъҳои кадом исмҳои мураккаб аз *исм* ва *сифат* иборатанд?**

**A)** давутоз, равуой

**B)** ғаллакор, ошпаз

**C)** гуфтугузор, рафтуомад

**D)** латтакуҳна, модаркалон

**10** **Сифатҳои дараҷаи муқоисавӣ:**

**A)** гуворо, ширин

**B)** бамехр, бофаросат

**C)** атромез, хушгувор

**D)** равшантар, осонтар

**11** **Ба ҷои сенуқта *шумораи тартибиро* гузоред:**

***Дар гӯшаи аз ҳама дуртари хона, назди печка, ... иштироккунандаи маҷлис Ҳошимкорвон ҷойгир буд.*** С. Улуғзода

**A)** панҷ

**B)** аз чор як

**C)** панҷумин

**D)** панҷ-шаш

**12** **Дар ҷумлаи зер калимаҳои ишорашуда ба кадом *навъи ҷонишинҳо* дохил мешаванд?**

*<u>Ин</u> роҳи пурпечу хам <u>чунон</u> торик аст, ки гӯё аз бағали кӯҳ нақб зада бошанд.* С. Айнӣ

A) саволӣ
B) ишоратӣ
C) таъкидӣ
D) таъинӣ

**13** **Ба ҷойи сенуқта зарфи мувофиқро гузоред:**

***Аспи ба ароба ҳамроҳе ки дуртар аз издиҳом, дар канори роҳи байни деҳа меистод, шояд дар таги офтоби гарм ташна монда буд, ки шиҳа кашиду ... пой кӯфт.*** Ҷ. Акобиров

A) беқарор
B) босуръат
C) қасдан
D) осуда

**14** **Пайвандаки мувофиқро гузоред:**

***Бухоро шаҳри бузург аст ... ободтарин шаҳрест андар Мовароуннаҳр.*** Аз "Ҳудуд-ул-олам"

A) ё ин ки
B) чунки
C) вале
D) ва

**15** **Иборае, ки дар қолаби *исм + сифати феълӣ* сохта шудааст:**

A) ҳамин мактаб
B) ду аламрасида
C) одами омадагӣ
D) ҳамеша хушҳол

**16** **Ба ҷойи сенуқта хабари мувофиқеро гузоред, ки ҷумлаи номуайяншахс ҳосил шавад:**

***Боре бо ҳамин мақсад имтиҳони мударрисони Хуҷандро ... .*** Р. Ҷалил

A) гузаронид
B) гузарониданд
C) бояд мегузаронд
D) гузарониданӣ буд

**17** **Аъзои чидаи ҷумлаи зеринро муайян намоед:**

***Мӯйсафед аз ҷояш нахест, чизе нагуфт, хомӯш нишаст.*** Аз "Садои Шарқ"

A) муайянкунанда
B) пуркунанда
C) хабар
D) ҳол

**18** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли мувофиқро гузоред:**

***Ман воқеаи мактабхонии худро дар «Мактаби кӯҳна» ном асари худ ... зикр кардаам.*** С. Айнӣ

**A)** якбора

**B)** дарҳол

**C)** батафсил

**D)** бениҳоят

**19** **Аъзои туфайлии мувофиқи ҷумларо гузоред:**

***... , бори аввал ман Айниро дуруст дида натавонистам, ҳатто чашмам ба чашмаш наафтод, вале фойеи торик ва қомати баланду китфҳои паҳни ӯ муддатҳои дарозе аз пеши назарам дур намешуданд.*** П. Толис

**A)** бешубҳа

**B)** аз як тараф

**C)** хушбахтона

**D)** ба ҳамин тариқ

**20** **Садриддин Айнӣ дар "Ёддоштҳо" дар боби "Одами аҷиб" симои кадом адибро муфассал тасвир намудааст?**

**A)** Аҳмади Дониш

**B)** Абдулвоҳиди Мунзим

**C)** Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат

**D)** Шарифҷонмахдуми Садри Зиё

**21** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт ва ё ҷумла зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Ҳамеша инчунин буду ҳамеша ҳамчунон бояд,<br>Муҳаббат дар фазои **фарш** шамъи ... афрӯзад. Гулрухсор | **1)** ситон |
| **B)** Ба **некномӣ** мурдан беҳ аз ба ... зистан. Зарбулмасал | **2)** арш |
| **C)** Намо пайванд бо нахли ҳаётам,<br>... баргу **бидеҳ** хатти баротам. Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ | **3)** само |
| **D)** Сафи исторагонро ҷовидон дида: Агар он ҷо ... бошад,<br>Яқин андар **замин** астам. Муъмин Қаноат | **4)** хушномӣ |
| | **5)** бадномӣ |

**22** **Ба ҷойи сенуқта зарфи мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** ... баъди борон тирукамон баромад. М. Турсунзода | **1)** хеле |
| **B)** Банда ... шодӣ мекардам. Ф. Муҳаммадиев | **2)** кӯдаквор |
| **C)** Ҳамон рӯз Қорӣ аз дарс омада, ... аз Махдум пурсид. С. Айнӣ | **3)** наздиктар |
| **D)** Савор ... рафта қарор гирифт. С. Улуғзода | **4)** хашмгинона |
| | **5)** дирӯз |

**23** **Аз калимаҳои зерин ибора созед:**

| | |
|---|---|
| **A)** дил | **1)** сӯхтан |
| **B)** чашм | **2)** хӯрдан |
| **C)** димоғ | **3)** пухтан |
| **D)** ғам | **4)** бурдан |
| | **5)** дӯхтан |

**24** **Таҳлили синтаксисӣ. Аъзоҳои ҷумларо муайян намоед:**

***Боз фаввораи савтҳои махмуркунанда ба сари сомеъон фурӯ мерехт.***

Ф. Муҳаммадиев

| | |
|---|---|
| **A)** фурӯ мерехт | **1)** ҳол |
| **B)** ба сар | **2)** хабар |
| **C)** савтҳои махмуркунанда | **3)** мубтадо |
| **D)** фаввора | **4)** пуркунанда |
| | **5)** муайянкунанда |

**25** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист.
Низомии Ганҷавӣ

**B)** Агар хоҳӣ, ки ҳаргиз дарнамонӣ,
Ба даст овар ҳунар, то метавонӣ.
Бадриддини Ҳилолӣ

**C)** Куҷо беҳунар шуд асири ниёз,
Ҳунарманд ҳар ҷо бувад бениёз.
Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Чу нодонон на дар банди падар бош,
Падар бигзору фарзанди ҳунар бош.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**1)** Монанди бехирадон аз сарвати падар манозу ҳунар омӯз.

**2)** Вақтро ғанимат дон ва ҳунар омӯз.

**3)** Беҳунар ҳамеша эҳтиёҷманд аст, вале ҳунарманд дастнигари касе нест.

**4)** Аз донишу ҳунар ифтихор бояд кард.

**5)** Ҳунар омӯз, то гирифтори мушкилот нашавӣ.

**! Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**1** **Ёдгорӣ дар кадом ноҳия ҷойгир аст: *“Ёдгории замони энеолит ва биринҷ, ки дар қисмати болооби рӯди Суғд (Зарафшон), дар ноҳияи ... кашф шуд, бо номи Саразм маъруф аст”*?**

**A)** Рӯшон
**B)** Фархор
**C)** Панҷакент
**D)** Ҳисор

**2** **Муҳорибаи Исса байни кӣ ба амал омада буд?**

**A)** юнону мақдуниҳо ва Ҳахоманишиён
**B)** Рум ва Ашкониён
**C)** муғулҳо ва Хоразмшоҳиён
**D)** Хилофати Араб ва Сосониён

**3** **Карзанҷ ба муқобили кадом истилогарон шӯриш бардошта буд?**

**A)** арабҳо
**B)** муғулҳо
**C)** юнону мақдуниҳо
**D)** туркҳо

**4** **Сулолаи тоҷикро муайян кунед.**

**A)** Саффориён
**B)** Салҷуқиён
**C)** Умавиён
**D)** Шайбониён

**5** **Сухан дар бораи кадом сулола меравад: *“Хонадони ... тоҷикнажоданду аз шаҳри Хофи Хуросон бархостаанд. Сарсилсилаи ин хонадон амир Шайх Ғиёсуддини Ҳоҷӣ ба шумор меравад”*?**

**A)** Ғазнавиён
**B)** Салҷуқиён
**C)** Темуриён
**D)** Музаффариён

**6** **Сухан дар бораи кадом таърихнигори аҳди Сомониён меравад: *“Солҳои 843–844 асари машҳури худ “Таърихи Бухоро”-ро ба забони арабӣ эҷод намуд, ки он соли 1128 аз ҷониби Абунасри Кубавӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума гардид”*?**

**A)** Абубакри Наршахӣ
**B)** Абусаиди Гардезӣ
**C)** Абулфазли Байҳақӣ
**D)** Абуалии Балъамӣ

**7** **Муаллифи асари “Ал-Қонун фи-т-тиб”:**

**A)** Абуалӣ ибни Сино

**B)** Абурайҳони Берунӣ

**C)** Абубакр Закариёи Розӣ

**D)** Абунасри Форобӣ

**8** **Пайомади забткории Темурланг.**

**A)** таназзули давлати Шайбониён

**B)** таназзули давлати Хоразмшоҳиён

**C)** таназзули давлати Сарбадорони Хуросон

**D)** таназзули давлати Салҷуқиён

**9** ***Суюргол*** **чист?**

**A)** андози давлатӣ

**B)** воҳиди маъмурӣ

**C)** воҳиди ченак

**D)** шакли заминдорӣ

**10** **Дар Хонии Қӯқанд кӣ баъд аз хон шахси якум дониста мешуд?**

**A)** мингбошӣ

**B)** қушбегӣ

**C)** қурбошӣ

**D)** кӯкалтош

**11** **Сухан дар бораи кадом мақоми идорӣ меравад:** “***Мақомоти ҳокимият, ки онро КИМ-и Ҷумҳурии Бухоро марти соли 1922 дар Бухорои Шарқӣ таъсис дода буд. Вазифаи он татбиқи қарорҳои Ҳукумати Бухоро ва агар лозим ояд, қабули қонунҳои наву бекор кардани қонунҳои пештара буд”*****?**

**A)** Ташкилоти ҳарбии Туркистон

**B)** Кумитаи инқилобӣ

**C)** Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ

**D)** Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ

**12** **Ташкили коммунаҳо ба давраи амалӣ намудани кадом сиёсат хос буд?**

**A)** саноатикунонӣ

**B)** коммунизми ҳарбӣ

**C)** коллективонӣ

**D)** бозсозӣ

**13** **Воқеа чӣ пайомад дошт: *“Японияи милитаристӣ ба фишори қӯшуни шуравӣ ва Артиши халқии Хитой тоб оварда натавониста, 2-юми сентябри соли 1945 Акти бечунучарои таслимшавиро имзо намуд*”?**

**A)** ИҶШС ба муқобили Финландия ҷангро оғоз кард.
**B)** Ҷанги дуюми ҷаҳон ба охир расид.
**C)** Бо ташаббуси иттифоқчиён Фронти дуюм кушода шуд.
**D)** Ҷанги Бузурги Ватанӣ анҷом ёфт.

**14** **Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми ноябр кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

**A)** Рӯзи Парчами давлатӣ
**B)** Рӯзи байналмилалии якдилии меҳнаткашон
**C)** Рӯзи Истиқлоли давлатӣ
**D)** Рӯзи Президент

**15** **Пайомади музокироти байни тоҷиконро муайян кунед.**

**A)** имзои “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон”
**B)** қабули Қонун “Дар бораи ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ”
**C)** узви Созмони Ҳамкории Шанхай гардидани Тоҷикистон
**D)** таъсиси Итиҳоди Давлатҳои Мустақил

**16** **Расми зерин ба пайдоиши кадом шаҳри қадима иртибот дорад?**



**A)** Пекин
**B)** Тахти Ҷамшед
**C)** Лондон
**D)** Рум

**17** **Конгресси Вена баъди кадом воқеа баргузор гардида буд?**

**A)** ба охир расидани Ҷанги садсола
**B)** анҷоми Ҷанги якуми ҷаҳон
**C)** ғалабаи ИҶШС дар ҶБВ
**D)** шикасти Наполеон Бонапарт

**18** **Ризошоҳи Паҳлавӣ сардори кадом давлат буд?**

**A)** Покистон
**B)** Эрон
**C)** Ҳиндустон
**D)** Афғонистон

**19** **Сиёсати “Рейганомика” дар кадом кишвар татбиқ гардид?**

**A)** Туркия
**B)** Чин
**C)** Ҳиндустон
**D)** ИМА

**20** **Феминизм чист?**

A) раванди озодшавии мамлакат ва минтақаҳои мухталиф аз асорати мустамликавӣ
B) шартнома ё созишномаи байналмилалӣ
C) муносибати шахс ва ё гурӯҳи одамон ба равандҳои таърихӣ ва нақши онҳо дар ин ҷараён
D) ҳаракат барои ба даст овардани баробарҳуқуқии занон ва мардон

**21** **Мувофиқати муаллиф ва асарро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| A) Зайниддин Маҳмуди Восифӣ | 1) “Аҷойиб-ул-мақдур фи ахбори Темур” |
| B) Камолиддини Биноӣ | 2) “Ҳумоюннома” |
| C) Муҳаммад ибни Арабшоҳ | 3) “Бадоеъ-ул-вақоеъ” |
| D) Хондамир | 4) “Шайбонинома” |
| | 5) “Таърихи Бухоро” |

**22** **Мувофиқати истилоҳ ва мазмуни онро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| A) арк | 1) маҳалли зисти мардуми шаҳр |
| B) шаҳристон | 2) маҳалли зисти шоҳ |
| C) рабаз | 3) навъи андоз |
| D) дахма | 4) ҷойи дафн |
| | 5) маҳалли тиҷорату ҳунармандӣ |

**23** **Мувофиқатро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| A) Одина Ҳошим | 1) Котиби генералии КМ ҲКИШ |
| B) Нусратулло Махсум | 2) Ҳофизи Халқии Тоҷикистон |
| C) Е.Н. Павловский | 3) роҳбари Шуъбаи Академияи илмҳои ИҶШС дар Тоҷикистон |
| D) М.С. Горбачёв | 4) Раиси Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон |
| | 5) муаллифи Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

**24** **Мувофиқати воқеа (раванд, падида) ва давлатро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| A) Шӯриши декабристон | 1) Русия |
| B) қабули Конститутсияи Веймар | 2) Олмон |
| C) Шӯриши тайпинҳо | 3) Фаронса |
| D) “масъалаи Уотергейт” | 4) Чин |
| | 5) ИМА |

**25** **Воқеаҳои аҳди истилои арабро муайян намоед.**

1. ҳокими Хуросон таъйин гардидани Алптегин
2. шӯриши Деҳистон бо сарварии Фирӯз
3. фоҷиаи “Накбати Бармакиён”
4. ба сари ҳокимият омадани сулолаи Аббосиён
5. шӯриш бо сардории Маҳмуди Торобӣ

**Се рақами ҷавобҳои дурустро мувофиқи пайдарҳамии хронологӣ нависед.**

**26** ***“... онро баъзан парлумони ҷаҳонӣ меноманд ва он як ниҳоди асосии машваратӣ мебошад. Ҳамаи кишварҳои узв дар он намояндагӣ дошта, ҳар кадом ҳуқуқи як овоз дорад”.***




**Мақоми СММ, ки дар матн сухан дар борааш меравад, дар ҷадвал бо кадом рақам ишора шудааст?**

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**1** **Қонуни конститутсионӣ, қонун ва қарорҳо санадҳои кадом мақомоти давлатӣ мебошанд?**

**A)** Прокуратура

**B)** Суди конститутсионӣ

**C)** Ҳукумат

**D)** Маҷлиси намояндагон

**2** **Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро кӣ даъват мекунад?**

**A)** Раиси Маҷлиси миллӣ

**B)** Президент

**C)** Раиси Маҷлиси намояндагон

**D)** Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ

**3** **Барои ба фарзандӣ қабул кардани кӯдак ҳалномаи кадом мақомот ҳатмӣ аст?**

**A)** прокуратура

**B)** суд

**C)** мақомоти васояту парасторӣ

**D)** вазорати тандурустӣ

**4** **Нисбат ба кӣ ҳабси маъмурӣ татбиқ карда намешавад?**

**A)** гуреза

**B)** нафақахӯр

**C)** шахси мансабдор

**D)** хизматчии давлатӣ

**5** **Салоҳияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**A)** ворид намудани тағйирот ба Конститутсия

**B)** ворид намудани иловаҳо ба Конститутсия

**C)** тафсири Конститутсия

**D)** қабули Конститутсия

**6** **Судяҳои суди вилоятро кӣ ба вазифа таъйин мекунад?**

**A)** Раиси вилоят

**B)** Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**C)** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**D)** Раиси суди вилоят

**7** **Шумораи вакилони Ҷамоат аз чанд нафар наметавонад зиёд бошад?**

**A)** 40 нафар
**B)** 30 нафар
**C)** 20 нафар
**D)** 15 нафар

**8** **Ноболиғон дар кадом навъи колонияҳои тарбиявӣ муҳлати муайяншудаи ҷазоро мегузаронанд?**

**A)** низомашон пурзӯр
**B)** низомашон махсус
**C)** низомашон сахт
**D)** низомашон назоратӣ

**9** **Фирӯз 15-сола шуд. Кадоме аз амалҳои зерин вазъи ҳуқуқии ӯро муайян мекунад?**

**A)** мустақилона анҷом додани аҳдҳо бо молу мулки ғайриманқул
**B)** бастани ақди никоҳ
**C)** таъсис додани иттиҳодияи ҷамъиятӣ
**D)** мустақилона бастани шартномаи меҳнатӣ

**10** **Дар кадом ҳолат никоҳ дар суд қатъ карда мешавад?**

**A)** Агар яке аз ҳамсарон барои бекор кардани никоҳ розӣ набошад.
**B)** Агар ҳамсарон аҳдномаи никоҳ надошта бошанд.
**C)** Агар ҳамсарон зиёда аз 5 сол дар ақди никоҳ қарор дошта бошанд.
**D)** Агар ҳамсарон ду ва зиёда фарзанди ба балоғат расида дошта бошанд.

**11** **Тасдиқ гардидани қарордодҳои нисбатан муҳими байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ.**

**A)** ратификатсия
**B)** денонсатсия
**C)** имплементатсия
**D)** имзо кардан

**12** **Дар Тоҷикистон шаҳрванди хориҷӣ аз кадом ҳуқуқ маҳрум аст?**

**A)** ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан
**B)** ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ
**C)** ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ
**D)** ҳуқуқ ба таҳсил

**13** **Баъд аз кадом воқеа ҳуқуқи инсон дар Аврупо ба зинаи нави инкишофи худ расид?**

**A)** қабул намудани конститутсияҳои аввалин
**B)** инқилобҳои буржуазӣ
**C)** инқилобҳои сотсиалистӣ
**D)** таъсис додани аввалин блокҳои ҳарбӣ

**14** **Мафҳуми ҳизби сиёсиро муайян намоед.**

**A)** Иттиҳодияи ҷамъиятие, ки вазифаи асосиаш ба амал баровардани ҳокимият ба воситаи намояндагони худ мебошад.

**B)** Иттиҳоди ихтиёрӣ, худидора ва ғайритиҷоратии шаҳрвандон мебошад, ки дар асоси умумияти манфиатҳо барои амалӣ намудани мақсадҳое муттаҳид гардидаанд, ки дар оинномa нишон дода шудаанд.

**C)** Иттиҳодияи ҷамъиятии оммавие аст, ки аз иштирокчиён иборат буда, узвият надорад.

**D)** Иттиҳодияи ҷамъиятие, ки узвият надорад ва ғайрирасмӣ аст.

**15** **Дар давраи вазъияти фавқулода кадом ҳуқуқи инсон маҳдуд карда мешавад?**

**A)** ҳуқуқ ба муттаҳид шудан

**B)** ҳуқуқ ба моликият

**C)** ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил

**D)** ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ

**16** **Мунокишаҳои доимии волидайн, ки дар ҳузури кӯдакон сурат мегиранд, ба рушди зеҳнии онҳо таъсир мерасонад. Нисбат ба кӯдакон кадом шакли зӯроварӣ амалӣ карда мешавад?**

**A)** равонӣ

**B)** ҷисмонӣ

**C)** иқтисодӣ

**D)** эҳсосӣ

**17** **Кадом шакли худмуайянкунии сиёсӣ маънои ташкили давлати соҳибихтиёрро дорад?**

**A)** дохилӣ

**B)** беруна

**C)** инфиродӣ

**D)** ҷамъиятӣ

**18** **Мукаллафияти шахсе, ки то ба синни 18-солагӣ расидан ақди никоҳ бастааст.**

**A)** нопурра

**B)** қисман

**C)** маҳдуд

**D)** комил

**19** **Гирифтани розигии кӯдак ҳангоми иваз намудани ном ва насаби ӯ аз чандсолагӣ ҳатмӣ мебошад?**

**A)** 9-солагӣ

**B)** 10-солагӣ

**C)** 7-солагӣ

**D)** 8-солагӣ

**20** **Марҳилаи аввали рушди таърихии консепсияи ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ ба чӣ бахшида шудааст?**

**A)** ба ақаллиятҳои миллӣ додани ҳуқуқи худмуайянкунӣ ва ташкили давлати мустақил

**B)** эътироф ва дастгирии махсусиятҳои ақаллиятҳои миллӣ

**C)** кӯшиши татбиқи ҳуқуқҳои ақаллияти миллӣ дар асоси принсипи баробарӣ

**D)** пайдоиши истилоҳи «ақаллияти миллӣ» ҳамчун категорияи мустақил

**21** **Мувофиқатро муайян намоед:**

**A)** вазифаи асосии Вазорати адлия

**B)** вазифаи асосии милитсия

**C)** вазифаи асосии адвокатура

**D)** вазифаи асосии мақомоти САҲШ

**1)** бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ

**2)** таъмини сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ

**3)** назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо

**4)** ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ аз кирдорҳои ҷинояткорона

**5)** расонидани ёрии ҳуқуқӣ

**22** **Мувофиқатро муайян намоед:**

**A)** интихоби судяҳои Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**B)** тасдиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъйин намудани Сарвазир

**C)** таъйин намудани сарони намояндагиҳои дипломатӣ дар давлатҳои хориҷӣ

**D)** тасдиқи мукофотҳои давлатӣ

**1)** Президент ва Маҷлиси миллӣ

**2)** Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон

**3)** Президент

**4)** Маҷлиси намояндагон

**5)** Президент ва Маҷлиси намояндагон

**23** **Мувофиқатро муайян намоед:**

**A)** ҷиноят ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ

**B)** ҷиноят ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ

**C)** ҷиноят ба муқобили моликият

**D)** ҷиноят ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ

**1)** одамкушӣ

**2)** ба фоҳишагӣ ҷалб намудан

**3)** тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда

**4)** ташкили иттиҳоди экстремистӣ

**5)** таҳқири намояндаи ҳокимият

**24** **Мувофиқатро муайян намоед:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | мораторияи ба амал баровардани ҷазои қатл | **1)** | ҳуқуқ ба ҳаёт |
| **B)** | нораво будани худсарӣ ҳангоми боздошти шахс | **2)** | ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсият |
| **C)** | мусодираи амвол | **3)** | ҳуқуқ ба моликият |
| **D)** | ба мамлакати дигар рафтани гуреза | **4)** | ҳуқуқ ба озодии ҳаракат |
| | | **5)** | ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил |

**25** **Мувофиқатро муайян намоед:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | васоят | **1)** | шакли ҷойгиркунии кӯдакони ятим аз лаҳзаи таваллуд то 14-солагӣ |
| **B)** | ксенофобия | **2)** | шадидтарин шакли табъизи нажодӣ |
| **C)** | апартеид | **3)** | принсипи сиёсие, ки ягонагии томи сиёсӣ ва миллиро тасдиқ мекунад |
| **D)** | миллатгароӣ | **4)** | ҳама гуна тарсу бими доимии аз ҳад зиёд ба хориҷиён ё ношиносон |
| | | **5)** | навъи махсуси табъиз |

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

## ENGLISH LANGUAGE

**Read the text and choose the right answer 1-8.**

**Horses Can Read Emotions**

A new experiment shows that horses can read human emotions. Specialists showed the horses photographs of different human faces. The experts found that horses can tell the difference between angry and happy faces.

Specialists put heart monitors on the horses. The heart monitors showed that the heart rates of the horses rose a lot when they saw an angry face.

Riders at a horse club in London said that there is a special relationship between humans and horses.

**1** **Experts … horses´ behavior.**

**A)** studied
**B)** expected
**C)** enjoyed
**D)** hated

**2** **Horses were shown photographs of …**

**A)** horses
**B)** riders
**C)** people
**D)** experts

**3** **The study has shown that horses react … to different faces.**

**A)** gladly
**B)** differently
**C)** loudly
**D)** happily

**4** **Horses have an ability to … angry and kind face expressions.**

**A)** afraid
**B)** avoid
**C)** have
**D)** define

**5** **Experts put … on the horses.**

**A)** speed measures
**B)** muscles monitors
**C)** heart devices
**D)** head displays

**6** **Horses heart rates … when they see angry faces.**

**A)** increase
**B)** decrease
**C)** disease
**D)** degrease

**7** **There is a particular … between humans and horses.**

A) calling
B) training
C) dealing
D) exciting

**8** **The story is about horses …**

A) project
B) perfect
C) protect
D) intellect

**Read the text and choose the right answer 9-16.**

**Spiders in England**

A kind of a poisonous spider __**9**__ been spreading around England. This type of spider is Britain´s __**10**__ dangerous spider.

There __**11**__ over 600 kinds of spiders in __**12**__ UK. Only some of them bite people, and this kind is one of __**13**__. The more poison the spider injects, the worse it gets for the person. Some people have an allergic reaction to the poison. For others, the spider is no more dangerous __**14**__ a bee.

__**15**__ has died because of this spider. If you see __**16**__ spider, remove it in a humane way.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) to have | B) having | C) has | D) have |
| 10 | A) many | B) more | C) most | D) a lot |
| 11 | A) are | B) is | C) was | D) were |
| 12 | A) a | B) an | C) the | D) - |
| 13 | A) they | B) theirs | C) their | D) them |
| 14 | A) than | B) then | C) what | D) how |
| 15 | A) Nobody | B) Antibody | C) Anybody | D) Everybody |
| 16 | A) these | B) this | C) those | D) that |

**17** **I was … tired last night, so I went to bed earlier than usual.**

A) feel
B) feeling
C) feels
D) Felt

**18** **He is very selfish. He doesn´t care … other people.**

A) about
B) in
C) on
D) off

**19** **We stayed at the … hotel in the town.**

A) cheaper
B) cheapest
C) cheaply
D) cheap

**20** **The … of the house is in a very bad condition. I think we ought to repair it.**

**A)** temperature
**B)** garden
**C)** decor
**D)** roof

**21** **Match the words in Column A with the definitions in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** to ignore | **1)** to lose power or strength |
| **B)** to lead | **2)** to succeed at reaching a goal, especially through effort |
| **C)** to achieve | **3)** to guide someone or something along a way |
| **D)** to expect | **4)** to think or believe something will happen |
| | **5)** to refuse to pay attention to |

**22** **Match the words in Column A with the definitions in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** dream | **1)** the speed of wind over the sea |
| **B)** reality | **2)** the point in time or space at which something has its origin; the beginning |
| **C)** goal | **3)** the state of things as they are, rather than as they are imagined to be |
| **D)** start | **4)** the object of a person´s ambition or effort; an aim or desire result |
| | **5)** a series of thoughts, visions, or feelings that happen during sleep |

**23** **Match the sentences in Column A with their continuations in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** Plants produce | **1)** sea. |
| **B)** Rainbow appears after | **2)** rain. |
| **C)** The wind blows from the | **3)** calcium. |
| **D)** Forests control the world´s | **4)** oxygen. |
| | **5)** weather. |

**24** **Match the sentences in Column A with the replies in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** I will be there on April 14. | **1)** We have a new room. It´s $ 150. Will that be acceptable to you? |
| **B)** Hi there, I want to reserve a hotel room. | **2)** No problem at all. Could I have your full name, please? |
| **C)** Sure, Komron Rustamzod. | **3)** Great! We look forward to seeing you! |
| **D)** I have no problem with that. | **4)** It´s area code 626-555-1739. |
| | **5)** When do you need the room? |

**25** **Match the words in Column A with the synonyms in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** sort | **1)** worth |
| **B)** cash | **2)** cost |
| **C)** price | **3)** type |
| **D)** value | **4)** change |
| | **5)** money |

**Lesen Sie bitte den Text. Wählen Sie danach die richtige Antwort aus 1 – 8.**

**Das dankbare Mäuschen**

Ein Mäuschen fiel einmal in einen Kübel. Es piepste kläglich. Da kam ein Elefant und zog es heraus.

„Ich danke dir, Elefant. Du hast mir das Leben gerettet. Ich werde dir meine Dankbarkeit beweisen“, sagte das Mäuschen. „Du bist nichts als eine kleine Maus. Wie willst du das machen?“ lachte der Elefant.

Einige Zeit danach fingen Jäger den Elefanten und fesselten ihn mit einem Seil. Dann erwarteten sie den Morgen.

Der Elefant lag traurig und erwartete sein Ende. Auf einmal erschien das Mäuschen. Es zernagte das Seil, bevor der Tag anbrach, und der Elefant war frei.

(Mamedbejli W.Ch. Deutsche Grammatik 5-6)

**1** **Ein Mäuschen fiel einmal … .**

**A)** in einem Eimer
**B)** in einen See
**C)** in ein Loch
**D)** in eine Vase

**2** **Das Mäuschen piepste … .**

**A)** freudig
**B)** erfreulich
**C)** jämmerlich
**D)** glücklich

**3** **… zog das Mäuschen heraus.**

**A)** Eine Maus
**B)** Ein Elefant
**C)** Ein Mensch
**D)** Keiner

**4** **Das Mäuschen … Elefanten.**

**A)** war böse auf den
**B)** träumte von dem
**C)** war unzufrieden mit dem
**D)** bedankte sich bei dem

**5** **Einige Zeit danach geriet der Elefant … .**

**A)** in Vergessenheit
**B)** in Streit
**C)** in Gefahr
**D)** in einen Regen

**6** **Die Jäger warteten auf … .**

**A)** den Tagesanbruch
**B)** den Abend
**C)** den Nachmittag
**D)** die Nacht

**7** **Wer befreite den Elefanten?**

A) niemand
B) ein Jäger
C) das Mäuschen
D) ein Mensch

**8** **Worum geht es in diesem Text?**

A) um einen Jäger
B) um die Freundschaft zwischen Menschen und Tieren
C) um einen Elefanten und einen Jäger
D) um ein dankerfülltes Mäuschen

**Lesen Sie bitte den Text. Wählen Sie danach die richtige Antwort aus 9 – 16.**

**Das liebe Brot**

In einer reichen Familie wuchs __**9**__ Tochter heran. Im Hause gab es alles in Hülle und Fülle. Was konnte so ein Mädchen davon wissen, wie sich die anderen Menschen um das liebe Brot mühen?

Wenn der Vater nach Hause __**10**__ und fragte: “Wo ist Else?”, antwortete __**11**__ Mutter: “Wo __**12**__ Else sein, sicher steht __**13**__ wieder vor dem Spiegel”. Denn die Tochter dachte nur an Kleider und Putz.

Der Vater machte sich über die Eitelkeit des __**14**__ Sorgen und sprach __**15**__ der Mutter davon. Die Mutter aber sagte: “Lass das Kind. Kommt Zeit, kommt Rat. Soll Else sich so abarbeiten wie die Kinder __**16**__ Schwester? Wir haben es doch wirklich nicht nötig.” – “Gut, dass du mich an deine Schwester erinnerst”, antwortete der Mann.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **9** | **A)** einem | **B)** eines | **C)** eine | **D)** ein |
| **10** | **A)** kommst | **B)** komme | **C)** kam | **D)** kommen |
| **11** | **A)** die | **B)** dem | **C)** des | **D)** den |
| **12** | **A)** solltest | **B)** sollst | **C)** soll | **D)** sollen |
| **13** | **A)** wir | **B)** ich | **C)** du | **D)** sie |
| **14** | **A)** Kindes | **B)** Kind | **C)** Kinder | **D)** Kindern |
| **15** | **A)** mit | **B)** ans | **C)** für | **D)** ins |
| **16** | **A)** meines | **B)** meiner | **C)** meinem | **D)** mein |

**17** **… ist ein Musikinstrument.**

A) Die Giraffe
B) Die Klarinette
C) Die Blume
D) Die Bühne

**18** **Die Mutter von meinem Vater ist meine … .**

A) Großmutter
B) Neffe
C) Tante
D) Schwester

**19** **Meine Freundin … kein Interesse für die Schule.**

**A)** hattest
**B)** hatte
**C)** habt
**D)** hatten

**20** **… brachten heißes Fladenbrot und Milch mit.**

**A)** Du
**B)** Er
**C)** Ich
**D)** Sie

**21** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Briefträger | **1)** jemand, der sich mit Geschichte beschäftigt |
| **B)** Kellner | **2)** jemand, der in der Autowerkstatt arbeitet |
| **C)** Automechaniker | **3)** jemand, der sich um die Gäste im Restaurant kümmert |
| **D)** Fischer | **4)** jemand, dessen Beruf das Fangen von Fischen ist |
| | **5)** jemand, der Briefe und Päckchen bringt |

**22** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Monika sagte, dass | **1)** es ein gutes Buch. |
| **B)** Akbar besucht heute seinen Freund, | **2)** sondern auch die Hausaufgabe machen. |
| **C)** Meine Geschwister gehen noch | **3)** weil er krank ist. |
| **D)** Ich muss nicht nur das Buch lesen, | **4)** in die Schule. |
| | **5)** sie heute ihrer Schwester bei der Arbeit hilft. |

**23** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Um wie viel Uhr soll ich zu dir kommen? | **1)** Ein rotes Kleid. |
| **B)** Wo soll ich dich abholen? | **2)** Am Park. |
| **C)** Was ziehst du an? | **3)** Nur dich. |
| **D)** Können wir uns morgen treffen? | **4)** Um 14:40 Uhr. |
| | **5)** Ja natürlich. |

**24** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Mein Bruder hat ein | **1)** blaues Auto. |
| **B)** Unser Onkel hat einen | **2)** grünen Garten. |
| **C)** Seine Tochter hat eine | **3)** gefiel ihrem Großvater. |
| **D)** Die neue Wohnung | **4)** bist nett. |
| | **5)** kleine Mappe. |

**25** **Was passt? Finden Sie Wörter mit ähnlicher oder gleicher Bedeutung.**

| | |
|---|---|
| **A)** Malerin | **1)** Poetin |
| **B)** Pilotin | **2)** Händlerin |
| **C)** Kauffrau | **3)** Kunstmalerin |
| **D)** Lyrikerin | **4)** Arbeitnehmerin |
| | **5)** Flugkapitänin |

**Lisez le texte et choisissez une bonne réponse 1-8.**

**Les achats**

Je m'appelle Komron. J'habite Douchanbé. D'habitude chaque dimanche, moi et ma mère nous allons au magasin d'alimentation. Nous entrons dans le magasin, nous prenons des charrettes pour les provisions et nous nous dirigeons avant tout vers la boulangerie. Là, nous achetons du pain et de la farine. Ensuite nous nous dirigeons vers le rayon de poisson pour acheter du poisson frais. Nous allons au rayon des légumes. Nous achetons des pommes de terre, des oignons, des carottes, des betteraves, des tomates et des concombres.
Nous allons au rayon des fruits. Nous en achetons des pommes, des oranges, des mandarines et des citrons. Ensuite nous allons à la boucherie où nous achetons de la viande: du bœuf, des poulets. Nous prenons un kilo de saucisson fumé et des saucisses. On finit par la confiserie. Nous achetons un kilo de bonbon, du thé et du café.

**1** **Komron habite ... .**

**A)** à la capitale
**B)** on ne sait pas
**C)** au village
**D)** à la campagne

**2** **Komron et sa mère font des achats ... .**

**A)** chaque samedi
**B)** chaque jour
**C)** chaque dimanche
**D)** chaque mois

**3** **Komron va au magasin d'alimentation ... .**

**A)** seul
**B)** avec sa mère
**C)** avec son père
**D)** avec ses amis

**4** **Avant tout ils se dirigent vers ... .**

**A)** la boucherie
**B)** le rayon de poisson
**C)** le rayon des légumes
**D)** la boulangerie

**5** **Ils achètent à la boulangerie ... .**

**A)** des pommes de terre, des oignons...
**B)** du poisson frais
**C)** du pain et de la farine
**D)** de la viande

**6** **On peut acheter des pommes de terre, des oignons, des carottes ... .**

**A)** au rayon des légumes
**B)** à la boucherie
**C)** au rayon de poisson
**D)** au rayon des fruits

**7** **Komron et sa mère achètent de la viande ... .**

**A)** à la boulangerie
**B)** à la confiserie
**C)** à la boucherie
**D)** à la poissonnerie

**8** **De quoi s’agit-il dans ce texte?**

**A)** Du rayon des légumes.
**B)** Du poisson frais.
**C)** Du rayon des fruits.
**D)** D’un achat.

**Lisez le texte et choisissez une bonne réponse 9-16.**

**L’homme-araignée gravit un haut bâtiment**

Alain Robert est __**9**__ alpiniste français qui a 58 ans. Il est monté sur plusieurs des plus __**10**__ bâtiments dans le monde. Les gens l’__**11**__ comme "Homme-araignée", parce qu'__**12**__ n'utilise pas la corde.

__**13**__ 2018 Robert est monté sur la Tour du Héron, qui __**14**__ un gratte-ciel haut de 755 pied à Londres. Aussitôt après __**15**__ truc la police l'a arrêté et plus tard, la cour a __**16**__ à Robert l'ascension sur n'importe quel bâtiment en Grande-Bretagne.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | **A)** des | **B)** les | **C)** un | **D)** une |
| 10 | **A)** haut | **B)** hautes | **C)** hauts | **D)** haute |
| 11 | **A)** appellent | **B)** appellons | **C)** appelle | **D)** appelles |
| 12 | **A)** ils | **B)** elle | **C)** il | **D)** elles |
| 13 | **A)** Dans | **B)** De | **C)** Sur | **D)** En |
| 14 | **A)** a | **B)** as | **C)** ont | **D)** sont |
| 15 | **A)** ce | **B)** cette | **C)** cet | **D)** ces |
| 16 | **A)** interdire | **B)** interdit | **C)** interdisent | **D)** interdis |

**17** **L’année passé nous ... en France.**

**A)** sommes
**B)** avons été
**C)** ont été
**D)** sont

**18** **Mes enfants ... encore petits.**

**A)** sont
**B)** sommes
**C)** avons
**D)** ont

**19** **Le Louvre est un ... musée du monde.**

**A)** grand
**B)** grande
**C)** grands
**D)** grandes

**20** **Votre journal est ... la table.**

**A)** pour
**B)** dans
**C)** de
**D)** sur

**21** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** Le soleil
**B)** Le livre
**C)** Le nuage
**D)** L'eau

**1)** une source de la rivière.
**2)** une source de la pluie.
**3)** une source de la connaissance.
**4)** une source de la vie.
**5)** une source de la lumière.

**22** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** Aujourd'hui nous
**B)** Lola veut
**C)** Nos cours
**D)** Ce dimanche mon oncle

**1)** vont au musée.
**2)** vient chez nous.
**3)** devenir médecin.
**4)** commencent à midi.
**5)** n'avons pas de cours.

**23** **Associez les éléments de deux colonnes**

**A)** Tu dois aller chez le médecin.
**B)** On voit demain?
**C)** Demain à quelle heure?
**D)** Je vois que tu es malade.

**1)** A cinq heures du soir.
**2)** D'accord. A demain.
**3)** Oui, ils sont malades.
**4)** Oui, je vais aller chez lui.
**5)** Oui, j'ai une petite grippe.

**24** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** Quel livre intéressant
**B)** Où vas-tu
**C)** Qui va lire
**D)** Quelle chanson

**1)** as-tu lu ?
**2)** prendre le repas ?
**3)** chante ce chanteur ?
**4)** faire ce garçon ?
**5)** le texte de la page 12 ?

**25** **Associez les antonymes de deux colonnes.**

**A)** oral
**B)** gentil
**C)** civil
**D)** clair

**1)** sombre
**2)** militaire
**3)** écrit
**4)** aimable
**5)** méchant

**1-8. إقْرَأْ النَّصَّ وَ اخْتَرِ الْجَوابَ الصَّحِيحَ**

## سُلَيْمان أَفَنْدي

هُوَ رَجُلٌ فِي الخَامِسَةِ وَ الثَّلاثِينَ حَسَنُ اللَّباسِ؛ رَشِيقُ الْقامَةِ ذو شارِبَيْنِ مَعْقُوفَيْنِ وَ حِذاءٍ لامِعٍ يَلْبَسُ الْجوارِبَ الْحَريرِيَّةَ وَ يُدَخِّنُ اللَّفائِفَ الثَّمِينَةَ؛ يَحْمِلُ بِيَدِهِ النَّاعِمَةِ عَصاً جَمِيلَةً ذاتَ قَبْضَةٍ ذَهَبِيَّةٍ مُرَصَّعَةٍ بِالْجَواهِرِ الْكَرِيمَةِ وَ يَأْكُلُ فِي الْمَطاعِمِ الْفاخِرَةِ حَيْثُ يَجْتَمِعُ سُراةُ الْقَوْمِ وَ أَشْرافِهِمْ وَ يَذْهَبُ إلِي الْمُنْتَزَهاتِ الْمَشْهورَةِ في مَرْكَبَةٍ فاخِرَةٍ يَجُرُّها فَرسانِ كَرمانِ.

مُنْذُ خَمْسَةِ أَعَوامٍ تَزَوَّجَ سُلَيْمان أَفَنْدي مِنَ الْسَّيِّدَةِ فَهِيمَةِ اَرْمَلَةُ الْمَحْرُومِ بُطْرُس نُعْمَان التَّاجِرُ الَّذي اِشْتَهَرَ بَيْنَ أَتْرابِهِ الْجَدِّ وَ الْمُواظَبَةِ وَالأَمَانَةِ وَ قَدْ كَانَتِ السَّيِّدَةُ فَهِيمة حِينَئِذٍ فِي الْخَامِسَةِ وَلْأَرْبَعِينَ مِنْ عُمْرِهَا وَ فِي السَّادِسَةَ عَشَرَةَ مِنْ سِنِّي عَواطِفِهَا وَ مُيولِهَا وَ هِيَ الآنَ تَصْبَغُ شَعْرَها وَ تُكَهِّلُ عَيْنَيْهَا وَ تُطْلَي وَجْهَهَا بِالْأَلْوان وَ الْمَساحِقِ

---

**1** **كَمْ عُمْرُ سُلَيْمان أَفَنْدي؟**

A) ٣٥

B) ١٥

C) ٤٨

D) ٢٨

---

**2** **صِفْ مَظْهَرَ سُلَيْمان أَفَنْدي؟**

A) قَبِيحُ اللِّباسِ؛ جَمِيلُ الْقامَةِ وَ ذوُ لِحْيَةٍ مَقْصُورَةٍ

B) حَسَنُ الْوَجْهِ ؛ قَصِيرُ الْقامَةِ وَ ذُو لِحْيَةٍ مَعْقُوفَةٍ

C) حَسَنُ اللِّباسِ؛ رَشِيقُ الْقامَةِ وَ ذوُ شارِبَيْنِ مَعْقُوفَيْنِ

D) رَجُلٌ جَميلٌ؛ طَوِيلُ الْقامَةِ وَ ذُو شارِبَيْنِ مَقْصُورَيْنِ

---

**3** **كَمْ عُمْرُ السَّيِّدَةِ فَهِيمَة؟**

A) ٤٠

B) ٤٥

C) ٢٥

D) ٣٠

**4** **ما ذا يُدَخِّنُ سُلَيْمَان أَفَنْدي؟**

A) أَلَّفائِفَ الصَغِيرَةَ

B) أَلَّفائِفَ الرَّخِيصَّةَ

C) أَلَّفائِفَ الْكَبِيرَةَ

D) أَلَّفائِفَ الثَّمِينَةَ

**5** **ما ذا يَحْمِلُ بِيَدِهِ ؟**

A) عَصاً كَبِيرَةً ذاتَ قَبْضَةٍ فِضِّيَّةٍ

B) عَصاً قَبِيحَةً ذاتَ قَبْضّةٍ ذَهَبِيَّةٍ

C) عَصاً جَمِيلَةً ذاتَ قَبْضَةٍ ذَهَبِيَّةٍ

D) عَصاً صَغِيرةً ذاتَ قَبْضَةٍ خَشَبِيَّةٍ

**6** **مَنْ هِيَ السَّيِّدَةِ فَهِيمَة؟**

A) أَرْمَلَةٌ

B) إِمْرَأَةٌ

C) شابَةٌ

D) عَجوُزَةٌ

**7** **مَنْ بُطْرُس نُعْمانَ؟**

A) سارِقٌ

B) سائِرٌ

C) تاجِرٌ

D) مُسافِرٌ

**8** **عَمَّ يَتَحَدَّثُ فِي النَّصِّ؟**

A) عَنْ أَيّامِ طُفُولَةِ السَّيِّدَةِ فَهِيمَة

B) عَنْ السَّيِّدَةِ فَهِيمَة

C) عَنْ حياةِ سُلَيْمان أَفَنْدي

D) عَنْ وَصْفِ سُلَيْمان أَفَنْدي

**إِقْرَأْ النَّصَّ وَ اخْتَرِ الْجَوابَ الصَّحِيحَ 16-9.**

**أَلْعُلْجُومُ وَ السَّرَطانُ (II)**

وَقَدْ __9__أَنَّهُما إذا فَرَغا مِنْ صَيْدِما هُنالِكَ مِنَ __10__جاآ إِلي هُنا فَا صْطادا ما فِيها مِنَ السَّمَكِ. فَإِذا كانَ ذالِكَ فَهُوَ __11__وَ نَفادُ مدَّتِي. فَلَمَّا سَمِعَ السَّرَطانُ ذلِكَ مِنْهُ. إِنْطَلَقَ __12__ جَماعَةِ السَّمَكِ فَأَخْبَرَهُنَّ بَذلِكَ. فَأَقْبَلْنَ علي العُلْجومِ وَاسْتَشَرْنَهُ فِي أَمْرِهِنَّ. فَقالَ الْعُلْجُومُ أَمَّا مُكابَةُ __13__فَلا طاقَةِ لي بِها. وَلا أَعْلَمُ حِيلَةً __14__الذَّهابَ إِلي غَدِيرٍ قَرِيبٍ مِنْ هُنا فِيهِ سَمَكٌ كَثِيرٌ وَ مِياهٌ وَ قَصَبٌ. فَإِنِ اسْتَطَعْتُنَّ الإِنْتِقالَ إِلَيْهِ كَانَ فِيهِ سَعادَتُكُنَّ. فَقُلْنَ لَهُ إِنَّنا لا نَسْتَطِيعُ ذلكَ إلا بِمَعُونَةِ مِنْكَ فَنَرْجُوكَ __15__تَحْمِلَنا إِلي ذلكَ الْغَدِيرِ. فَأَجابَ الْعُلْجُومُ إِلي طَلَبِهِنَّ وَ جَعَلَ يَحْمِلُ كُلَّ يَوْمٍ سَمَكَتَيْنِ حَتَّي يَنْتَهي بِهِما إِلي __16__ فَيأْ كُلُهُما. فَلَمَّا جا العُلْجُومُ ذاتَ يَوْمٍ لِأَخْذِ السَّمَكَتَيْنِ علي عادَتِهِ أَقْبَلَ عَلَيْهِ السَّرَطان فَقالَ لَهُ إِنَّي أَيْضاً أُرِيدُ أَنْ أَذْهَبَ إلي ذلك الغَدِيرِ فَأَرْجُوكَ أَنْ تَحْمِلَني إِلَيْهِ.......

| | A | B | C | D |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) عَلِمْتِ | B) عَلِمَتْ | C) عَلِمْتُ | D) عَلِمْتَ |
| 10 | A) السَّمَكُ | B) السَّمَكَ | C) السَّمَكِ | D) السَّمَك |
| 11 | A) هَلاكي | B) هَلاكنا | C) هَلاكَكَ | D) هَلاكَكِ |
| 12 | A) مِنْ | B) علي | C) إلي | D) فِي |
| 13 | A) الصَّيّادانِ | B) الصَّيّادَتَيْنِ | C) الصَّيّادَتانِ | D) الصَّيّادَيْنِ |
| 14 | A) إِلَّا | B) ما | C) لا | D) لَنْ |
| 15 | A) أَنْ | B) أَنَّ | C) إِنْ | D) إِنَّ |
| 16 | A) تَلّاً | B) تَلٍّ | C) تَلْ | D) تَلٌّ |

**17 اِخْتَرِ فِعْلَ الْمُضاعَفِ:**

A) فَهِمَ

B) كَرَّ

C) وَثَبَ

D) إِسْوَدَّ

**18** اِخْتَرِ فِعْلَ المَهْمُوز ؟

A) بَأَرَ

B) تَبَّتْ

C) مَنَحَ

D) قَتَلَ

**19** اِخْتَرِ الْفِعْلَ الصَّحِيحَ:

A) إِسْتَطاعَ

B) شَرَعَ

C) وَشِيَ

D) إِبْيَضَّ

**20** اِخْتَرِ الْفِعْلَ الأَجْوَفَ:

A) بَكي

B) أَضْرَبَ

C) ضَحِكَ

D) داعَ

**21** إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى

| | |
|---|---|
| A) أَنْتُنَّ | 1) ضَحِكْتُما |
| B) أَنْتِ | 2) ضَحِكْتُمْ |
| C) أَنْتُمْ | 3) ضَحِكْتِ |
| D) أَنْتَ | 4) ضَحِكْتَ |
| | 5) ضَحِكْتُنَّ |

**22** إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِ

| | |
|---|---|
| A) جِيْفَةٌ | 1) إِسْمُ الْفِعْلِ |
| B) علي | 2) الظَّرْفُ |
| C) جافَ | 3) الْحَرْفُ |
| D) بَعْدَ | 4) الْفِعْلُ |
| | 5) الإِسمُ |

**23** إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى

A) أَلْجَبَلان
B) في الْجَبَلَيْنِ
C) أَلْجِبالُ
D) أَلْجَبَلُ

1) كَبيرَةٌ
2) الْكَبيرَينِ
3) الكَبيرٌ
4) الْكَبيرانِ
5) كِبيرٌ

**24** إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى

A) إِحْرَبْ
B) حَرِبَ
C) يَحْرَبُ
D) لا تَحْرَبْ

1) ألأَمْرُ
2) الماضي
3) الْنَّهي
4) اَلنَّفي
5) الْمُضارِعُ

**25** إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى

A) آكُلُ الطَّعامَ
B) أَكْتُبُ هَذِهِ الرِّسالة
C) أَفْتَحُ بابَ الْحُجْرَةِ
D) أَقْرَأُ هَذهِ الْمَجَلَّةَ

1) بِالنَّظّارَةِ
2) بِالْمِفْتاحِ
3) بِالْمِلْعَقَةِ
4) بِالْكَأْسِ
5) بِالماسِكَةِ